**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
__________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«26» __________ соли 2022

**ХУЛОСАИ**

Шӯрои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи **Ғафуров Зоир Саъдуллоевич** дар мавзуи **«Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар кафедраи филологияи англиси факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Мухторов Зайнидин Мухторович, доктори илми филология, Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 31-уми майи соли 2018, таҳти №11/4-3 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи мазкур барои аввал дар ҷаласаи кафедраи филологияи англиси ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз 08.06.2021, №10/1 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Илова бар ин, бинобар сабаби тағйирот ворид шудан барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, диссертатсия бори дигар дар иртибот ба нишондоди “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, дар ҷаласаи кафедраи филологияи англиси ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз 23.02.2022, № 7 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудааст.

Шӯрои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳо Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи Ғафуров Зоир

Саъдуллоевичро дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бо ширкати муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Ҳалим Азиз ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Млуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб баррасӣ ва муҳокима намуд.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар шароити кунунӣ ба таҳқиқоту таҳлилҳои ҳамаҷониба ниёз доранд. Охирҳои асри гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти комил ба даст оварда, бо кишварҳои олам муносибатҳои гуногунҷанба, аз ҷумла, дар соҳаи сиёсату иқтисод, фарҳангу иҷтимоиёт ва ғайра робита барқарор намуд, ки тамоми фаъолияти дуҷониба ва бисёрҷонибаи он таъминоти забониро тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муосир – Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари рушди технологияҳои компютерӣ, бо афзоиши маъруфияти Интернет дар забон, раванди пайдоиши истилоҳоти нав барои ифодаи мафҳумҳои нав ё таъин кардани маъноҳои нав ва тағйири истилоҳоти кӯҳна дар робита бо падидаҳои нави ҳаёт маҷбур месозад, ки моҳият ва мазмуни истилоҳоти нав, махсусан вижагиҳои соҳавии компютерӣ, равандҳои пайдоиш ва ташаккули онҳо ба таври мукаммал омӯхта шаванд.

Дар айни замон, бо сабаби инкишоф ва такомули соҳаҳои илм ва техника, диққати як қатор муҳаққиқонро омӯзиш ва тавсифи системаҳои гуногуни истилоҳоти компютерӣ, аз қабили вижагиҳои касбиву соҳавӣ, махсусан сленги компютерӣ ҷалб мекунад. Вижагиҳои касбӣ бо таъсири рӯзафзуни технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи ҳамагонро ба худ ҷалб месозад. Бештар таваҷҷуҳи хоса ба сленги компютерӣ зоҳир мегардад, зеро дар замони ҳозира, кас наметавонад фаъолияти рӯзмарраи худро бе компютер тасаввур намояд. Компютеркунонӣ дар тамоми соҳаҳои илм, техника, саноат ва ҳаёти ҳаррӯзаи шахси муосир ба чашм мерасад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба сархати 9-и “Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” иртибот дошта, зарурати ҳифз ва гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва пажӯҳиши он дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва маънавиёт яке аз вазифаҳои калидии илмӣ ватанӣ ба шумор меравад.

**Мақсади** диссертатсия аз таҳқиқи раванди ташаккулёбӣ ва анъанаҳои истифодаи истилоҳоти интернет ва сленгҳои компютерии забони англисӣ ва роҳу воситаҳои интиқоли онҳо ба забони тоҷикӣ иборат мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад иҷрои **вазифаҳои зерин**ро мувофиқи матлаб ҳисобидан мумкин аст:

- муайян намудани моҳият ва мафҳуми сленги компютерӣ дар давраҳои рушди истилоҳоти технологияи иттиолотӣ;
- ошкор кардани сабабҳои пайдоиши сленгҳо дар доираи истилоҳоти компютерӣ;
- мушаххас намудани манбаъҳои луғавии сленги компютерӣ ва хусусиятҳои лексиграфиии он;
- мушаххас намудани моҳияти сленгҳои компютерӣ дар раванди мулшират ва ғановати забон;
- равшан намудани таснифоти соҳавии сленги компютерӣ дар технологияи иттилоотӣ дар робита бо сленгҳои компютерӣ;
- гурӯҳбандӣ ва тавсиф намудани вижагиҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ;
- тасвир намудани ҷанбаҳои махсуси вижагиҳои маъноӣ ва сохтории сленгҳои компютерӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки бори нахуст таҳлили муқоисавии истилоҳоти компютерӣ, махсусан, сленги компютерӣ, ки як қабати лексикаи технологияи иттилоотӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба шумор меравад, анҷом дода шудааст. Ҳамзамон, дар диссертатсияи мазкур вижагиҳои соҳавӣ ва сленгҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар забоншиносии муқоисавии тоҷик таҳқиқоти ҷудогона оид ба таснифоти соҳавии сленги компютерӣ ба таври мушаххас анҷом дода шудааст. Инчунин, мавриди зикр мебошад, ки тамоми сленгҳои компютерӣ дар забони тоҷикӣ бори аввал аз муҳити маъноӣ, луғавӣ ва сохторӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқотии диссертатсия мазкур дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ доктор аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳот ва сленгҳои нави компютерие, ки дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо во мехӯранд, инчунин, ҳалли мушкилоти тарҷумаи чунин сленгҳо ва аз рамзҳо ба таври шарҳи маънӣ озод намудани сленгҳое, ки дар шакли ихтисорот истифода мегарданд, мусоидат намоянд. Инчунин, маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълими ихтисосҳои филологӣ дар мактабҳои олӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад. Сленгҳои компютерие, ки бо роҳу воситаҳои гуногун дар шакли рақам, рамз, ихтисора ва муаммо ба чашм мерасанд, метавонанд ба воситаи маводи бадастомада шарҳу тавзеҳи худро ёбанд. Тамоми маводи амалии таҳқиқот ба мо имкон фароҳам месозанд, ки ҳама гуна сленгҳои компютериро дар шабакаҳои интернетӣ, чатҳо, блогҳо ва ҳаёти минбаъда ба осонӣ дарк намоем. Баъд аз таҳлили маводи ҷамъовардашуда маълум гардид, ки сленги компютерӣ на фақат ба барномасозон ва истифодабарандагони компютер, балки ба тамоми одамони соҳаҳои гуногун ҳамчун маводи ёрирасон ҳангоми тарҷумаи ин ё он истилоҳи компютерии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ хидмат мерасонад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он аз он иборат аст,** ки натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**


[1-М]. **Ғафуров, З.С.** Сленги кломпютерӣ – қабати нави лексика дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои ташкили он / З.С.Ғафуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2020. – №7. –С.54-58. ISSN 2413-516X.

[2-М]. **Ғафуров, З.С.** Сленги бозиҳои компютерӣ ва тарҷумаи он аз забони англисӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ / З.С.Ғафуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе – 2020. – №8– С.67-71. ISSN 2413-516X.

[3-М]. **Ғафуров, З.С.** Сленги компютерӣ ва роҳҳои ихтисоршавии онҳо дар раванди муоширати интернетӣ дар забони англисӣ / З.С.Ғафуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе – 2021. – №1. –С.34-39. ISSN 2413-516X.

**[4 – М]. Ғафуров З.С.** Ташаккули лексикаи технологияи иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / З.С.Ғафуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе – 2021. – №4. – С.112-121. ISSN 2413-516X.

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[5–М]. Ғафуров, З.С.** «Омӯзиш ва таҳқиқоти сленги бозиҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ» / З.С.Ғафуров // «Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо» (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2020. – С. 8-11.

**[6–М]. Ғафуров, З.С.** Сленги компютерӣ қабати нави лексика дар забоншиносӣ (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва русӣ ) / З.С.Ғафуров // “Преспективы изучения и преподования иностранных языков в современном мире” (Сбориник научных докладов межвузского круглого стола, посвященного 30– летию незовисимости Республики Таджикистан) Российского – Таджикский (Славянский ) университет. – Душанбе, 2021. – С. 54-59.

**[7–М]. Ғафуров, З.С.** Таҳаввулоти лексикаи компютерӣ ва таснифоти он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / З.С.Ғафуров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ таҳти унвони “Масъалаҳои муҳими омӯзиши тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити инноватсионӣ 28.04.2021,”Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе – 2021. - С.83-88.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода шудааст. Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотии мавриди назар дар шакли баромад ва мақолаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, донишкадавӣ ва дигар маҷалла ироа гардидааст.

Таркиби диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ,

қиёсӣ ва муқоисавӣ таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссератсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи шӯрои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд** аз 20 нафар аъзои Шурои олимон 19 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабаби узрнок иштирок надошт.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** “тарафдор” – 19 нафар, “муқобил” – 0 нафар, “бетараф” – 0 нафар, суратҷаласаи № 9 аз 23 апрели соли 2022.

**Раиси Шурои олимони факултети забони англисӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

**Муқарризон:**
доктори илмҳои филологӣ, проессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Саидзода Ҳалим Азиз

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

**Котиби Шӯрои олимони факултет:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Султонзода Миҷгона

Имзоҳои Мусоямов З.М., Саидзода Ҳ.А., Маҳмудзода М.А. ва Султонзода М.-ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТба номи Сотим Улуғзод — Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

**Нишонӣ: 734019,** ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи СотимУлуғзода.
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003, Сомона: www.ddzt.tj